КУМИТАИ КОР БО ЗАНОН
ВА ОИЛАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

UNFPA



# ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА:

## ОШКОР, МУҚОБИЛАТ ВА ҲИМОЯ НАМУДАН

СОЛИ
2022



## Зӯроварӣ дар оила чист?

«Зӯроварӣ дар оила – кирдори **зиддиҳуқуқии** қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ, ё зарар ба саломатии ӯ мегардад, ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад» — боби 1, моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки 19 марти соли 2013, таҳти №954 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расидааст.

# Кадом намудҳои асосии зӯроварӣ дар оила мавҷуданд?



**ЗӮРОВАРИИ ҶИСМОНӢ ДАР ОИЛА**
кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила, ки дар натиҷаи истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ боиси расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ шудааст



**ЗӮРОВАРИИ ШАҲВОНӢ ДАР ОИЛА**
кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии дигар узви оила таҷовуз мекунад, инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви ноболиғи оила содир шудаанд



**ЗӮРОВАРИИ РӮҲӢ ДАР ОИЛА**
таъсиррасонии қасдонаи рӯҳӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб (найранг) ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад



**ЗӮРОВАРИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ОИЛА**
кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, руҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад

# Ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила кист?



Ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила — узви оила, ки ба ӯ аз ҷониби дигар узви оила қасдан зарари ҷисмонӣ, маънавӣ ё моддӣ расонида шудааст. Барои фаҳмидани, он ки дар оила нисбати Шумо зӯроварӣ содир карда мешавад, ба саволҳои зерин ҷавоб додан лозим ҳаст:

- Аъзои оилаатон (шарикатон) ба худ раво медонад, ки қувваи ҷисмониро нисбати шумо истифода барад?
- Аъзои оилаатон (шарикатон) мунтазам Шуморо паст мезанад, таҳқир мекунад?
- Аъзои оилаатон (шарикатон) доимо баҳона меҷӯяд, ки Шуморо танқид кунад, ба ҳар сухане, ки шумо мегӯед ё амале, ки Шумо мекунед, айбҷӯӣ мекунад?
- Аъзои оилаатон (шарикатон) аз таъмин намудани оила саркашӣ мекунад?
- Аъзои оилаатон (шарикатон) ба Шумо иҷозат намедиҳад, ки бо хешовандон, дӯстонатон дидорбинӣ кунед, зангҳои телефонии Шуморо назорат мекунад?
- Аъзои оилаатон (шарикатон) ба Шумо иҷозат медиҳад, ки кор ё таҳсил кунед?
- Аъзои оилаатон (шарикатон) агар бе иҷозати ӯ аз хона бароед Шуморо мезанад?
- Аъзои оилаатон (шарикатон) Шуморо (ба назари ӯ) дар сурати паст задани оилаатон мезанад?

**Агар Шумо ба якчандтои ин саволҳо ҷавоби мусбат дода бошед, шояд ки Шумо дар муносибатҳои зӯроварона қарор бошед. Ҳар як фард ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ, бехатарӣ ва ҳамчунин ба ҳаёте ҳуқуқ дорад, ки дар он ба зӯроварӣ ҷой нест. Агар Шумо ба қароре омада бошед, ки ин ҳалқаи сарбастаи зӯровариро барканед, ба ташкилотҳои махсус муроҷиат кунед (нигаред ба нишониҳо).**

## Аъзои оилаатон (шарикатон) ба худ раво медонад, ки қувваи ҷисмониро нисбати шумо истифода барад?



Дастрасӣ ба дастгирии наҷотдиҳандаи ҳаёт ҳангоми ғаму андӯҳ

Дастрасӣ ба дигар хидматрасониҳо, ки шаъну шараф ва ҳолати хуби равониро кафолат медиҳанл, аз ҷумла воситаҳо барои таъмини бехатарӣ ва дастгирии равонию иҷтимоӣ

Дастрасии саривақтӣ ба кӯмаки тибии бехатар, ба шакли махфӣ ва касбӣ, ки метавонад аз ВНМО (ВИЧ) ва ҳомиладории номатлуб пешгирӣ намояд

Дастрасӣ ба дастгирӣ, ки метавонад аз рух додани зӯроварии баъдӣ пешгирӣ кунад



## Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба чӣ гуна хатар дучор мегарданд?

**Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва фарзандони онҳо метавонанд таҳти хатари ҷиддӣ ба саломатии ҷисмонӣ ва равониашон ва ҳатто зери хавфи марг қарор гиранд. Алалхусус ба ҷабрдидагоне, ки пештар аллакай осеби миёна/вазнини ҷисмонӣ бардоштаанд ва ба ҷабрдидагоне, ки ба муқобилашон метавонанд яроқ (корд, яроқи оташфишон) ба кор баранд, хатари зиёд таҳдид мекунад.**

# Агар шумо таҳти зӯроварӣ дар оила қарор дошта бошед, чӣ бояд кард?

Тартиб додани нақшаи амал ҳангоми вазъияти бӯҳронӣ – бехатар ва ҳар чӣ зудтар хонаро тарк намудан.

Дар бораи ҳолати зӯроварӣ ба шахсони бовариноки худ (дӯстон, хешу табор) маълумот диҳед.

Рақамҳои телефон ва суроғаҳои марказҳои бӯҳронӣ, паноҳгоҳҳо, нозирони минтақавии милитсияро аниқ карда гиред.

Лавозимоти аз ҳама заруриро (либос, ҳуҷҷатҳо, доруворӣ, калидҳо) ҷамъ карда, дар ҷои хилват пинҳон кунед.

Агар имконият бошад ҳолати латукӯб, таҳдидҳо ва зуровариро (бо акс, видео ё диктофон) сабт намоед.

Бо ҳамсояҳо маслиҳат кунед, ки дар сурати зарурат онҳо милитсияро даъват кунанд, ё барои Шумо телефонро дастрас намоянд.

Пас аз омадани милитсия то ҳадди имкон ором бошед. Аз кормандони ҳифзи ҳуқуқ хоҳиш кунед, ки шахси ҷабркунандаро ба шӯъба баранд. Баъд аз рӯйдодани воқеъа ариза нависед ва онро дар шӯъбаи маҳаллии милитсия ба қайд дароред. Лутфан дар аризаи худ ҳодисаи зӯровариро ба таври муфассал тавзеҳ диҳед.

Агар Шумо таҳти зӯроварии ҷисмонӣ қарор дошта бошед, ба экспертизаи судию тиббӣ (таввасути ҳуҷраи ёрии фаврӣ, дармонгоҳ) барои ба қайд гирифтани зарбу латҳо муроҷиат намуда аз духтур хоҳиш кунед, ки ҳамаи ҷароҳатҳои гирифташударо қайд кунад.

Агар ба Шумо ва фарзандони Шумо хатар таҳдид кунад ва касе натавонад пеши роҳи хушунатгарро бигирад, беҳтар аст, ки манзилатонро муваққатан тарк намоед. Ба хушунат бо хушунат ҷавоб надиҳед. Кӯшиш кунед худро ба даст гиред, бо хушунатгар оромона ва бурро сӯҳбат кунед.

Ором шуда, дар хусуси амалҳои минбаъдаатон қарор қабул кунед. Агар шумо ба дурустии амалҳои худ шубҳа дошта бошед ё намедонед чӣ кор кунед, аз ташкилотҳое, ки ба қурбониёни зӯроварӣ кӯмак мерасонанд, машварат гиред.

**ДАР ХОТИР ДОШТА БОШЕД !**

**Шумо дар зӯроварӣ нисбати худ гуноҳ надоред, гунаҳгор худи хушунатгар аст ва бо ёрии Шумо вай ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.**

# Оё барои зӯроварӣ дар оила дар Қонуни ҶТ ҷазо пешбинӣ карда шудааст?



Зӯроварӣ дар оила ҳуқуқвайронкунии ҷиддие мебошад, ки муқаррароти Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва дар Кодекси ҷиноятии ҶТ барои он ҷазо пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», чораҳои инфиродии ҳифзи ҷабрдидагон, додани Амрномаи муҳофизатӣ аз тарафи Шӯъбаи корҳои дохилӣ дар асоси аризаи ҷабрдидаро дар бар мегирад. Амрномаи муҳофизатӣ, чораҳои маҳдудкунии махсусро нисбат ба хушунатгар таъин мекунад ва ба мӯҳлати 15 шабонарӯз дода мешавад. Дар асоси аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ мумкин аст мӯҳлати амрномаи муҳофизатӣ бо дархости сардори мақомоти корҳои дохилӣ ва розигии прокурор то 30 рӯз дароз карда шавад.

# Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила кадом ҳуқуқҳо доранд?

- кӯмаки тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро гирад
- маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва дигар иттилоотро оид ба ҳифзи амнияташ гирад
- ба мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ё суд дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд.
- бо розигии хаттиаш дар марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон ҷойгир карда шавад
- ба мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ бо мақсади маҳкумкунии ҷамъиятии рафтори шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд



**Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ҳамчунин ҳуқуқ ба гирифтани кӯмак ба тариқи ройгон доранд.**

# БА КУҶО МУРОҶИАТ КАРДАН ЛОЗИМ АСТ?

**(+992 37) 221-21-21**

Телефони боварии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**19-19**

Телефони Хадамоти Ёрӣ Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**(+992 37) 235-11-11**

Телефони боварии Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**(+992 37) 233-48-21**

Телефони боварии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**30-40**

Телефони боварӣ барои машварати ройгони ҳуқуқии Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**13-13**

Телефони боварӣ барои машварати ройгони Кумитаи занон ва оила дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мақомотҳои корҳои дохилии ВКД**

**02**

**102**

**24/7**

Қариб 35% занҳо дар ҷаҳон зӯроварии ҷисмонӣ аз сар мегузаронанд



## ҲУҶРАҲОИ НОЗИРОНИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Намуди хизматрасониҳо ва кӯмакҳои пешниҳодкарда:**

- қабул, баррасии муроҷиатҳо ва маълумоти дигар дар бораи зӯроварӣ ё таҳдиди содир намудани зӯроварӣ дар оила бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории ҶТ;
- ба қайд гузоштани шахсе, ки дар хона зӯроварӣ содир намудааст, татбиқи чораҳои тарбиявӣ ва профилактикӣ нисбати ӯ;
- ба ҷабрдида фаҳмондани ҳуқуқҳои ӯ ҳангоми муроҷиат ва дар мавридҳои зарурӣ ба муоинаи тиббӣ фиристодани ӯ; ба марказҳои дастгирӣ, марказҳо ё шуъбаҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоии зарардидагон равон кардани шахси ҷабрдида бо ризоияти хаттии ӯ;
- додани амрномаи муҳофизатӣ ба шахсе, ки дар оила зӯроварӣ содир кардааст;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудани мавод, кушодани парвандаҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд;
- ба қайд гузоштани оилаҳое, ки дар онҳо мунтазам ҳодисаҳои зӯроварӣ мушоҳида карда мешаванд, татбиқи чораҳои профилактикӣ бо мақсади мустаҳкам намудани оила.

## ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН (ВҲИ) ВА ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК (ВҲК)

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи ҷабрдидагони зӯроварӣ аз тамоми воситаҳои мавҷуда истифода мекунад. Бо ин мақсад Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамкориҳоро бо вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи дин танзими анъана ва ҷашну маросим, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хуб ба роҳ мондааст.
Баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, яке аз самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Вобаста ба ин муроҷиатҳое, ки аз ҷониби ҷабрдидагони зӯроварӣ ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд, тибқи талаботҳои пешбинишуда дар муҳлатҳои кӯтоҳ аз тарафи кормандони мақомот баррасӣ карда шуда, дар ҳалли масъалаҳои дар муроҷиатҳо гузошташуда, мусоидат карда мешавад. Аз ҷумла шикоятҳои муроҷиаткунандагонро нисбат ба қарор ё амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро вайрон кардаанд, баррасӣ менамояд, агар муроҷиаткунанда нисбат ба ин қарор ё амал (беамалӣ) ба тариқи судӣ ё маъмурӣ шикоят карда бошад, вале бо қарори оид ба шикояти ӯ қабулгардида розӣ набошад.

**Намуди хизматрасониҳо ва кӯмакҳои пешниҳодкарда:**

- додани машваратҳои ҳуқуқӣ;
- баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандони ҶТ дар соҳаи ҳуқуқ;
- иштирок дар маҷлисҳои тамоми марҳилаҳои судӣ, аз ҷумла маҷлисҳои пӯшидаи судӣ;
- ҳуқуқ доранд оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ё дигар сабабҳои узрнок қобилияти мустақилона истифода бурдани воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои худро надоранд, ба суд ва ё дигар мақомоти дахлдори давлатӣ муроҷиат намоянд, аз ҷумла аризаи даъвогӣ пешниҳод кунанд;
- ба муроҷиаткунанда шарҳ додани ҳуқуқҳои онҳо, машварат додан ба онҳо дар бораи усулҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқҳояшон;
- ба шаҳрвандон додани машваратҳои ҳуқуқӣ дар минтақаҳои дурдаст.

## ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДАР САМТИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**Намуди хизматрасониҳо ва кӯмакҳои пешниҳодкарда:**

- Машваратҳои психологӣ ва ҳуқуқӣ.
- Хизмати ҳуқуқии адвокат.
- Хизматрасонии тиббӣ.
- Омӯзондани малакаҳои касбӣ.

## БАХШҲОИ КОР БО ЗАНОН ВА ОИЛА

**Намуди хизматрасониҳо ва кӯмакҳои пешниҳодкарда:**

- амалисозии чорабиниҳои иттилоотию тарғиботӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;
- қабули шаҳрвандон;
- додани машваратҳои ҳуқуқӣ;
- фиристодани зарардидагони зӯроварӣ дар оила ба ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатие, ки ба ҷабрдидагони зӯровар дар оила ёрӣ мерасонанд.

## ҲУҶРАҲОИ ТАВОНБАХШИИ ТИББИЮ ИҶТИМОӢ БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**Намуди хизматрасониҳо ва кӯмакҳои пешниҳодкарда:**

- расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва дигар намудҳои кӯмак;
- дар мавридҳои зарурӣ барои табобати дахлдор фиристодани шахси зарардида;
- ҳангоми зарурат бо ризоияти шахси ҷабрдида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод намудани маълумот дар бораи зӯроварии содиршуда.

## БЮРОҲОИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚӢ, МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ»-и ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Намуди хизматрасониҳо ва кӯмакҳои пешниҳодкарда:**

- додани машварати (иттилооти) аввалияи ҳуқуқӣ;
- тартиб додани аризаҳо, шикоятҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар;
- равон кардан ба назди адвокатҳое, ки ёрии ҳуқуқии пулакӣ мерасонанд ё ба назди адвокатҳое, ки дар рафти тафтишот ва дар судҳо бепул аз ҳисоби давлат ёрии касбии ҳуқуқӣ мерасонанд;
- шарҳ додани тартибу қоидаҳои хизматрасонии ройгони адвокатӣ;
- шарҳ додани имкониятҳои то суд ҳал намудани баҳс.

## МАРКАЗҲОИ ЗАХИРАВИИ ЗАНОН

**Намуди хизматрасониҳо ва кӯмакҳои пешниҳодкарда:**

- Машваратҳои психологӣ ва ҳуқуқӣ.
- Омӯзондани малакаҳои касбӣ.
- Ҷаласаҳои огоҳкунӣ барои ҷомеаҳои мавриди ҳадаф.

# Шаҳри Душанбе



## ҲУҶРАҲОИ НОЗИРОНИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шоҳмансур-1,**
**к. Валаматзода, 12**
90-046-46-91

**Шоҳмансур-2,**
**к. Бӯстон, 1**
93-922-34-37

**Фирдавсӣ-1,**
**к. Н. Қарабоев 44**
988-508-088

**Фирдавсӣ-2, к. Р. Амакиев, г. 4, и. 20**
90-333-44-63

**Сино-2, к. Н. Махсум 95/1**
93-316-50-25

## БАХШҲОИ КОР БО ЗАНОН ВА ОИЛА

**Дастгоҳи марказӣ**
221-34-71; 227-17-41;
227-10-31

**шаҳри Душанбе**
221-30-57; 918-70-81-43

**н. Фирдавсӣ**
233-89-48; 900-08-91-25

**н. Шоҳмансур**
227-61-66; 917-40-97-45

**н. И. Сомонӣ**
221-05-36; 917-14-14-02

**н. Сино**
235-06-73; 98-915-12-08

## ИНСТИТУТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН (ВҲИ) ВА ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК (ВҲК)

**Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ**
101; 221-79-89

**Муовини Ваколатдор**
103; 221-76-02

**Роҳбари Дастгоҳи Ваколатдор**
105; 221-76-01; 918-26-03-03

**Сардори Шуъба**
106; 221-46-92;
919-53-00-46

**Муовини сардори Шуъба**
120; 221-74-39;
93-999-68-68

**Сармутахассис**
120; 221-74-39;
935-66-84-40

**Мутахассиси пешбар**
120; 221-74-39;
93-546-00-12

## ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДАР САМТИ ПЕШГИРИИ ЗЎРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**Маркази дастгирӣ «Фемида».**
**х. Рӯдакӣ-137**
93-501-62-92;
femida-tj@mail.ru

**Маркази Худшиносии Занон**
93-517-77-56;
markazi.bonuvon. dushanbe@gmail.com

**ТҶ «Лигаи занони ҳуқуқшинос»,**
**к. Айнӣ, 32/2, х. 7**
221-21-49;
lwl_toj@rambler.ru

**ТҶ «Корвони умед»,**
**к. Н. Хисрав, х. 11.**
900-00-12-22

## ҲУҶРАҲОИ ТАВОНБАХШИИ ТИББИЮ ИҶТИМОӢ БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗЎРОВАРӢ ДАР ОИЛА

Таввалудхонаи № 2,
к. Ҳусейнзода-8.
**907-77-29-77;**
**223-02-842**

Маркази миллии тиббӣ,
к. И. Сомонӣ-59
**918-69-78-09;**
**907-27-27-22**

Маҷмааи тиббии «Истиқлол»,
бинои Б6, ошёнаи 7, к. Н.
Қаробоев-60 **93-530-39-94;**
**903-77-05-73**

## ДИГАР МУАССИСАҲОИ ДАВЛАТӢ

**Телефони боварии**
**Прокуратураи шаҳри Душанбе**
(+992 37) 221-53-27

**Телефони боварии**
**Суди шаҳри Душанбе**
(+992 37) 233-55-13

**Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи**
**тиббию судӣ, к. Сомонӣ-59, иморати 15**
**Маркази миллии тиббӣ.**
236-65-64; 900-09-73-33

**Маркази худшиносии бонувон**
**х. Рӯдакӣ 38/1, ошёнаи 14**
93-51-777-56
salomova.m@gmail.com

**Зўроварӣ ҳамеша айби гунаҳкор аст, аз ҷумла аз нуқтаи назари қонун, намуди зоҳирӣ ва амали шумо баҳона шуда наметавонад.**

**Донистан муҳим аст, ки зўроварӣ дар оила мунокишаи одии оилавӣ нест! Ин ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят аст!**



# Ноҳияҳои тобеи марказ



| ТЕЛЕФОНИ БОВАРИИ СУДҲО | | |
|---|---|---|
| **ш. Турсунзода, к. Б. Гафуров, 22.** (+9923130) 22-841 | **ш. Ҳисор, к. Ф. Абдуллоев, 29.** (+992 3139) 26-320 | **ш. Роғун, к. Норакиён 54/1.** (8-3134) 21-358 |
| **н. Рӯдакӣ, ш. Сомониён, к. Бӯстон-65.** (8-3137) 22-210 | **ш. Шаҳринав, к. М. Турсунзода, 71.** (+992 3155) 31-494; 32-106 | **ш. Файзобод, к. И. Сомонӣ, 40.** (8-3135) 32-234 |
| **ш. Тоҷикобод, к. Сомониён, 12.** (8-3154) 21-525 | **н. Лахш, ш. Ваҳдат, к. Сомониён-33.** (8-3132) 22-534 | **н. Сангвор, к. Восеъ** (8-3156) 22-157 |

| ҲУҶРАҲОИ НОЗИРОНИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | | | |
|---|---|---|---|
| **н. Ваҳдат, бинои ШВКД.** 93-992-58-19 | **н. Рашт, ш. Ғарм, к. И. Сомонӣ-36.** 91-832-75-28 | **н. Рӯдакӣ** 900-27-81-81 | **ш. Хисор** 907-17-36-36 |

| БАХШҲОИ КОР БО ЗАНОН ВА ОИЛА | | | |
|---|---|---|---|
| **н. Рӯдакӣ** (8-3137) 2-18-78; 904-48-84-55 | **н. Ваҳдат** (8-3136) 225-00; 900-66-77-78 | **н. Рӯдакӣ** 900-27-81-81 | **ш. Хисор** 907-17-36-36 |
| **н. Варзоб** (8-3153) 2-10-54; 93-888-54-23 | **н. Ҳиссор** (8-3139) 2-77-39; 93-744-19-42 | **н. Шаҳринав** (8-3155) 316-15; 909-19-09-37 | **н. Турсунзода** (8-3130) 2-16-47; 907-19-68-68 |
| **н. Файзобод** (8-3135) 3-23-84; 93-564-62-68 | **н. Роғун** (8-3134) 2-11-44; 93-829-16-66 | **н. Нуробод** (8-3133) 300-97; 988-76-76-64 | **н. Тоҷикобод** (8-3154) 214-73; 937-18-02-89 |
| **н. Сангвор** (8-3156) 223-70 987-97-66-13 | **н. Рашт** (8-3131) 223-397 | **н. Лахш** (8-3132) 224-69 | |

## ИНСТИТУТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН (ВҲИ) ВА ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК (ВҲК)

**ш. Турсунзода, бинои Ҳизби халқӣ-демократӣ**

**н. Рашт, к. И.Сомонӣ-42.**
88-883-90-90; 93-597-44-00

## ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДАР САМТИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**ТҶ «Мададгор», ш. Вахдат, к. Туғдона-3.**
907-84-81-91; 93-506-37-64

**ТҶ «Мумтоз», н. Рӯдакӣ, к. Бӯстон-13.**
(8-3137) 22-698; 907-84-43-94

## МАРКАЗҲОИ ЗАХИРАВИИ ЗАНОН

**МЗЗ «Маркази дастгирии Ғарм», н. Рашт, ш. Ғарм, к. Сомонӣ-29.**
918-21-47-37; 907-74-22-96
matlubar@mail.ru

**МЗЗ «Хингоб», Ҳиммати Ғайрат, н. Сангвор, к. Сино-36.**
918-26-42-22; 987-21-50-26
npo.khingob@mail.ru

**МЗЗ «Роҳнамо», н. Лахш, ш. Ваҳдат, к. Сомониён-55 .**
93-889-57-12
rohnamo@mail.ru

## ҲУҶРАҲОИ ТАВОНБАХШИИ ТИББИЮ ИҶТИМОӢ БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**ш. Вахдат, Беморхонаи маркази шаҳри, к. 20-солагии Истиқлолият.**
93-526-69-00; 907-94-81-32; 93-526-69-02

**н. Рашт, Беморхонаи маркази ноҳия, к. И. Сомонӣ-14.**
985-98-52-01; 918-21-55-05; 900-10-34-96; 988-64-44-65; 988-43-99-66

**н. Ҳисор, Беморхонаи маркази ноҳиявӣ**
907-52-51-04

**н. Рӯдаки, Беморхонаи аркази ноҳиявӣ**
904-02-25-15

## БЮРОҲОИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚӢ, МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ»-и ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**н. Шаҳринав, бинои Маркази адлия, к. И.Сомонӣ**
93-355-36-39

**ш.Ваҳдат, Маркази адлия, х. Рӯдакӣ**
93-355-59-94

**н. Нуробод, бинои «Тоҷиксуғурта», к. И. Ҳалимов-11**
93-355-78-20

**н. Тоҷикобод, бинои Бонки молиявии хурд, к. Сомонӣ-21**
93-355-49-87

**н. Файзобод, бинои МИХД-2, к. И. Сомонӣ-49**
93-554-32-19

**ш. Турсунзода, бинои САҲШ, маҳ. 2**
93-355-59-93

**ш. Ҳиссор, к. И. Сомонӣ, ошёнаи 1-ум, 10, бинои МИХД**
93-355-95-72

**н. Рӯдакӣ, ш. Сомониён, к. И. Сомонӣ, бинои Маркази адлияи (ошёнаи 1-ум)**
93-010-01-67

# Вилояти Суғд



## ҲУҶРАҲОИ НОЗИРОНИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| | | |
|---|---|---|
| **ш. Хуҷанд, к. К. Хуҷандӣ-2**<br>92-177-00-04 | **ш. Исфара, ҷамоати деҳ. Чоркӯҳ, к. Сари бозор**<br>92-949-32-92 | **ш. Панҷакент, х. Рӯдакӣ-130**<br>92-635-23-61 |

## БАХШҲОИ КОР БО ЗАНОН ВА ОИЛА

| | | |
|---|---|---|
| **Вилояти Суғд**<br>(8-3422) 4-68-50; 4-65-37;<br>92-919-90-60 | **ш. Хуҷанд**<br>(8-3422) 4-67-25;<br>92-770-37-47 | **ш. Исфара**<br>(8-3462) 2-44-22;<br>918-97-93-59 |
| **ш. Бӯстон**<br>(8-4744) 822-44;<br>92-712-60-92 | **ш. Конибодом**<br>(8-3467) 322-44 | **ш. Гулистон**<br>(8-3443) 240-26;<br>93-870-02-41 |
| **ш. Истиқлол**<br>(8-3465) 2-54-87;<br>92-808-50-05 | **ш. Панҷакент**<br>(8-3475) 5-53-94 | **ш. Истаравшан**<br>(8-3454) 2-44-65;<br>98-707-14-60 |
| **н. Айнӣ**<br>(8 34 79) 2-28-71;<br>93-583-93-00 | **н. Ашт**<br>(8-3453) 214-30;<br>92-894-22-92 | **ш. Зафаробод**<br>(8-34-52) 5-24-63;<br>92-625-84-87 |
| **н. Б. Ғафуров**<br>(8-3442) 3-36-73;<br>92-764-38-97 | **н. Деваштич**<br>(8-3464) 243-79 | **н. Ҷ. Расулов**<br>(8-34-55) 2-11-30;<br>92-600-15-73 |
| **н. Спитамен**<br>(8-3441) 2-22-44 | **н. Шаҳристон**<br>(8-3456) 2-63-35;<br>92-787-30-35 | **н. Мастчоҳ**<br>(8-3445) 2-23-15;<br>93-129-99-01; 92-921-07-77 |

## ҲУҶРАҲОИ ТАВОНБАХШИИ ТИББИЮ ИҶТИМОӢ БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

| | |
|---|---|
| **ш. Хуҷанд, Таввалудхонаи шаҳрӣ, минтақаи Шимолӣ Шарқӣ**<br>92-600-95-54; (8-3422) 55-460; 927-73-51-95 | **ш. Гулистон, Беморхонаи маркази шаҳрӣ, к. Истиқлол-117**<br>92-708-26-35; (8-3432) 48-53 |
| **ш. Истаравшан, Беморхонаи маркази шаҳрӣ**<br>92-786-33-44; 98-523-82-18; 98-908-12-31 | **Б. Ғафуров, Беморхонаи маркази ноҳиявӣ**<br>92-807-88-70; 92-807-82-70;92-787-87-59 |

| | | |
|---|---|---|
| **ш. Панҷакент, Бемор-хонаи маркази ноҳиявӣ**<br>93-393-00-55; 927-14-65-00 | **н. Исфара, Беморхонаи маркази ноҳиявӣ**<br>98-909-97-32; 98-799-98-70 | **н. Айни, Беморхонаи маркази ноҳиявӣ**<br>92-620-45-47; 92-637-99-44 |

## ИНСТИТУТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН (ВҲИ) ВА ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК (ВҲК)

| | | |
|---|---|---|
| **ш. Хуҷанд, к. Фирдавсӣ-120**<br>(8-3226) 28-68; 92-940-94-94 | **н. Айнӣ, деҳаи Томин**<br>92-707-06-65 | **ш. Исфара, к. Марказӣ**<br>92-701-72-40; 918-43-79-29 |

## ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДАР САМТИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**ТҶ «Гулрухсор», ш. Хуҷанд, н. Р. Набиев-111**
(8-3422) 60-510; 92-780-40-74; 98-750-40-74; info@gulruhsor.tj

## МАРКАЗҲОИ ЗАХИРАВИИ ЗАНОН

| | |
|---|---|
| **МЗЗ «ASTI», ш. Хуҷанд, к. Шӯро-24**<br>(8-3422) 62-470; 92-777-90-15<br>asti.tajikistan@gmail.com | **МЗЗ «Кӯҳсор», н. Айнӣ, к. Рӯдакӣ-55**<br>92-762-40-40; 93-545-19-20<br>gulchehra.04@mail.ru |
| **МЗЗ «Занони Шарқ», ш. Панҷакент, к. Рӯдакӣ-85**<br>(8-3475) 54-329; 92-809-29-28<br>nfotima@mail.ru | **МЗЗ «Маркази дастгирии ҷамоати Ворух», ш. Исфара, ҷамоати Ворух, к. Рӯдакӣ-123А**<br>989-10-72-44; golibu@mail.ru |
| **МЗЗ «Занон барои адолат», ш. Хуҷанд, к. Кирмоншо-1**<br>93-836-45-45; farosat_kiba@bk.ru | **МЗЗ «Умед», ш. Исфара, к. Марказӣ-22**<br>(47) 44-10-140; 927-70-04-06<br>umed_i@mail.ru |

**МЗЗ «Занҳо зидди зӯроварӣ», н. Истаравшан, к. И. Сомонӣ-186**
988-65-31-65; 918-80-35-54; nasrulloevb@yahoo.com; sheroz-com@mail.ru

## БЮРОҲОИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚӢ, МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ»-и ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| | |
|---|---|
| **ш. Панҷакент, бинои МД «Маҷмааи фарҳангӣ-эҷодии Кохи Лоиқ» х. Рӯдакӣ, ош. 2, ут. 207**<br>93-355-59-80 | **н. Деваштич, бинои Маркази адлия, ош. 1, к. А. Сино**<br>93-355-59-82 |
| **н. Б. Ғафуров, к. А.Нозиров-14, бинои МИҲД (Ҳукумат)**<br>98-702-88-60 | **ш. Конибодом, бинои ПМК-Экология к. К. Хуҷандӣ-5**<br>93-355-36-41 |

| | | |
|---|---|---|
| **ш.Конибодом, Ҷамоати деҳоти Пӯлотон, к. А.Шарипова-109**<br>93-355-36-42 | **н. Ҷ. Расулов, бинои Маркази адлия, к. Э. Умаров, ош. 1**<br>92-731-31-92; 93-355-36-40 | **н. Спитамен, бинои Маркази адлияи ҷамоати ш. Навқат, к. Р. Турсунов-2**<br>93-555-04-51 |
| **ш. Исфара, бинои Маркази адлия, к. Маркази-27**<br>93-355-97-05 | **ш. Истаравшан, бинои Маркази адлия, к. Ғ. Абдулоев**<br>93-554-28-18 | **н. Ашт, к. И. Сомонӣ-6, бинои МИҲД (Ҳукумат)**<br>92-758-19-58 |
| **н. Ашт, Ҷамоати деҳоти Понғоз, к. Сари бозор**<br>92-709-26-09 | **ш. Гулистон, бинои Маркази саломатӣ, к. Истиқлол-70**<br>93-355-95-62 | **ш. Хуҷанд, к. Р.Набиев-39, ош. 9-ум, ут. 908, бинои МИҲД (Ҳукумат)**<br>93-377-73-40 |

# Вилояти Хатлон



## ҲУҶРАҲОИ НОЗИРОНИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ ЗЎРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| | |
|---|---|
| **н. Ҷайҳун, ш. Дўстӣ, к. 1-уми май**<br>93-398-46-46 | **ш. Бохтар, кўчаи Борбад-7** |
| **н.Дўстӣ, кўчаи Л. Каримов**<br>93-598-15-90 | **ш. Кўлоб, маҳаллаи Ш. Шоҳин-8**<br>918-45-45-96; (8-3322) 246-72 |

## БАХШҲОИ КОР БО ЗАНОН ВА ОИЛА

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Вилояти Хатлон**<br>(8-3222) 2-16-16;<br>907-75-35-05 | **Вилояти Хатлон**<br>(8-3222) 2-16-16;<br>988-06-44-40 | **ш. Бохтар**<br>(8-3222) 2-27-46;<br>905-70-45-55 | **ш. Кўлоб**<br>(8-3322) 2-26-41;<br>918-25-19-19 |
| **ш. Норак**<br>(8-31 38) 2-24-53;<br>93-733-80-08 | **н. Левакант**<br>(8-3250) 6 14 20;<br>907 30 56 66 | **н. Ёвон**<br>(8-3141) 2-11-48;<br>93-853-18-18 | **н. Кўшониён**<br>(8-3245) 2-11-83;<br>917-57-23-24 |
| **н. Восеъ**<br>(8-3311) 2-27-16;<br>988-34-92-29 | **н. Данғара**<br>(8-3312) 2-15-84;<br>988-23-20-79 | Темурмалик<br>(8-3314) 2-11-92;<br>907-21-96-68 | **Хуросон**<br>(8-3242) 2-17-97;<br>917-90-38-18 |
| **н. Ҷ. Балхӣ**<br>(8-3247) 4-37-72<br>917-04-43-43 | **н. Қубодиён**<br>(8-3251) 2-27-17 | **н. А. Ҳамадонӣ**<br>(8-3315) 2-20-95;<br>93-177-21-67 | **н. Н. Хусрав**<br>(8-3258) 2-22-37;<br>93-999-63-22 |
| **н. Мўъминобод**<br>(8-3318) 2-12-21;<br>98-733-12-67 | **н. Панҷ**<br>(8-3252) 231-84-10<br>93-355-12-48 | **н. Ҷайҳун**<br>(8-3249) 4-33-15;<br>93-108-09-85 | **н. А. Ҷомӣ**<br>(8-3243) 2-34-11;<br>93-909-07-80 |
| **н. Балҷувон**<br>(8-3357) 2-13-36;<br>98-710-83-16 | **н. Вахш**<br>(8-3346) 2-36-53;<br>93-838-88-38 | **н. Фархор**<br>(8-3316) 2-11-27;<br>900-58-10-15 | **н. Ховалинг**<br>(8-3317) 2-00-33;<br>988-08-96-83 |

| | | |
|---|---|---|
| **н. Шахритус**<br>(8-3240) 2-10-49;<br>93-399-88-18 | **н. Ш. Шоҳин**<br>(8-3319) 2-14-19;<br>918-44-45-37 | **н. Дўстӣ**<br>(8-3248) 2-13-88;<br>93-592-37-22 |

## ИНСТИТУТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН (ВҲИ) ВА ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КЎДАК (ВҲК)

| | | |
|---|---|---|
| **ш. Бохтар, к. Б. Ғафуров-11**<br>(8-3222) 2-79-32;<br>93-920-74-00 | **н. Қубодиён, к. И. Сомонӣ**<br>93-854-36-88 | **ш. Кулоб**<br>98-535-36-71 |

## ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДАР САМТИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**Маркази бӯҳронии ТҶ «Ғамхорӣ», ш. Бохтар, к. Ваҳдат-137**
(8-3222) 278-79; w.c.ghamkhori@mail.ru

**ТҶ «Майрам», ш. Кӯлоб, к. Неъматов-7**
93-500-01-67

**ТҶ «Дилафрӯз», ш. Бохтар, к. Дӯстии халқҳо-68**
91-865-92-93; (8-3222) 279-10; ngodilafruz@mail.ru

**ТҶ «Бонувони фардо», н. Шаҳритус, к. И. Сомонӣ-28б**
(8-3240) 228-88; anora.69@mail.ru

## МАРКАЗҲОИ ЗАХИРАВИИ ЗАНОН

**МЗЗ «Марифат», н. Хуросон, ҷамоати Оби Киик, к. Сомонӣ-1**
93-440-20-64; 93-503-60-42
marifatkhatlon@mail.ru

**МЗЗ «Дармонбахш», н. Дӯстӣ, к. Рӯдакӣ-35**
93-726-75-57; 918-32-12-88
darmonbahhs@mail.ru

**МЗЗ «Оксана», н. Ҷ. Балхӣ, к. Ҳайдарова-24**
918-698-530; 234-74-23-96
musmanova@mail.ru

## ҲУҶРАҲОИ ТАВОНБАХШИИ ТИББИЮ ИҶТИМОӢ БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**ш. Бохтар, Беморхонаи клиникии вилоятии ба номи Б. Воҳидов**
918-69-45-64; 832-22-30-63

**ш. Кулоб, Таввалуд-хонаи ш. Кулоб**
985-09-63-20

**н. Панҷ, Беморхонаи маркозии ноҳиявӣ**
900-60-15-49

**н. Фархор, Беморхонаи маркозии ноҳиявӣ**
880-38-35-35

**н. Ёвон, Беморхонаи маркозии ноҳиявӣ**
901-00-99-07

**н. Восеъ, Беморхонаи маркозии ноҳиявӣ**
98-537-53-27

**н. А.Ҷоми, Беморхонаи маркозии ноҳиявӣ**
93-531-08-50

**н. Шаҳритус, Беморхонаи маркозии ноҳиявӣ**
93-420-05-07

## ҲУҶРАҲОИ МАШВАРАТӢ

**ш.Левакант, Маркази дастгирии занон**
98-726-69-95

**н. Кушониён, бахши занон ва оила МИҲД**
98-726-69-95

**ш. Левакант, биноӣ Қасри фарҳанг, ош. 3**
91-833-00-63

## БЮРОҲОИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚӢ, МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ»-и ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**н. Ҷайҳун, ш. Дӯстӣ, биноӣ Маркази адлия, к. И. Сомонӣ-10**
93-355-59-86

**н. Восеъ, кӯчаи Мирзоев-2**
93-355-59-83

**н. Ёвон, Ҷамоати ш. Ёвон, к. М. Турсунзода-42, ошёнаи 3**
93-355-36-38

**н. Дӯстӣ, биноӣ Маркази ҷавонон, к. Рӯдакӣ**
93-355-96-04

**н. Ҷ. Балхӣ, ш. Балх, к. Туғаланг-6, биноӣ МИҲД (Ҳукумат)**
93-355-36-43

**н. Ҷ. Балхӣ, ҷамоати ш. Гулистон, маркази радиошунавони №5**
93-355-95-04

**н. Ховалинг, Биноӣ Маркази адлия, к. И. Сомонӣ**
93-355-95-81

**н. Мӯъминобод, биноӣ Маркази адлияи ҷамоати ш. Мӯъминобод, к. А. Давлатов**
93-554-32-16

**н. Қубодиён, к. И. Сомонӣ-200, биноӣ МИҲД (Ҳукумат)**
93-355-59-81

**н. Данғара, к. Марказӣ, ош. 1, ут. 1, биноӣ МИҲД (Ҳукумат)**
93-554-32-84

# Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон



## ҲУҶРАИ НОЗИРОНИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ш. Хоруғ, кӯчаи Ленин.** Тел.: 93-555-35-34

## БАХШҲОИ КОР БО ЗАНОН ВА ОИЛА

| | | |
|---|---|---|
| **ВМКБ**<br>(8-3522) 248-80;<br>507-77-04-32 | **ш. Хоруғ**<br>(8-3522) 268-77;<br>93-585-40-01 | **н. Дарвоз**<br>(8-3552) 215-87<br>93-480-13-44 |
| **н. Ванҷ**<br>(8-3551) 213-52;<br>93-924-29-34 | **н. Роштқалъа**<br>(8-3555) 210-33;<br>93-771-05-53 | **н. Рӯшон**<br>(8-3556) 217-40<br>93-812-33-22 |
| **н. Ишкошим**<br>(8-3553) 210-24;<br>93-408-66-31 | **н. Шуғнон**<br>(8-3522) 305-36;<br>501-55-19-11 | **н. Мурғоб**<br>(8-3554) 212-32;<br>502-8-58-08 |

## ИНСТИТУТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН (ВҲИ) ВА ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК (ВҲК)

**ш. Хоруғ, кӯчаи Ленин-121.** Тел.: (8-3322) 232-84; 93-400-74-57

## ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДАР САМТИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

| | | |
|---|---|---|
| **ТҶ «Занон барои адолат», ш. Хоруг, к. Ш. Шотемур-8**<br>93-593-97-74 | **ТҶ «Мадина», ш. Хоруғ, к. Х. Кирмоншо-66**<br>93-555-47-36; 93-477-97-77 | **ТҶ «Номус ва инсоф», ш. Хоруғ, к. Х. Кирмоншо-1**<br>91-923-00-71 |

## МАРКАЗИ ЗАХИРАВИИ ЗАНОН

**МЗЗ «Сарпараст», н. Ванҷ, ҷамоати Абдуллоев, к. 8-уми Март, бинои 9**
93-581-96-46; 93-597-09-24; tj_sarparast_vanj@mail. ru

## БЮРОҲОИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚӢ, МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ»-и ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| | |
|---|---|
| **ш. Хоруғ, бинои Раёсати адлияи ВМКБ, к. Гагарин-14, ошёнаи 3**<br>93-534-25-99; 93-501-05-91 | **н. Ванҷ, к. М. Раҳмоншо-36 (Фурудгоҳ)**<br>93-355-95-73 |



Миннатдории самимӣ ба Лоиҳаи «Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (PDV), ки аз ҷониби Агентии Швейтсария оид бар рушд ва ҳамкорӣ (SDC) маблағгузорӣ мешавад барои мусоидат дар ҷамъоварии маълумот оид ба таъмини хизматрасонӣ ба қурбониёни хушунати хонаводагӣ баён карда мешавад.

Ин дастур бо маблағгузории намояндагии Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид (UNFPA) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромадааст. UNFPA барои маводи дар ин дастур ҷойдошта ҷавобгарӣ намебарад.